**Бобомуллоев С.**
**доктори илмҳои таърих, профессор**

# АЗ ТАЪРИХИ ПАРЧАМДОРИИ ТОҶИКОН

Ҳар як халқу миллати соҳибдавлат дорои парчаму нишон ва дигар рамзҳои давлатдорӣ мебошад. Ин нишонаҳо ифодагари хусусиятҳои хоси давлатдории ҳамон халқ буда, барои наслҳо ва фарзандони ояндаи миллатҳо мояи ихтихор ва эҳтиром мегардад.

Яке аз рамзҳои давлатдорӣ Парчами миллӣ аст, ки дорои маъно ва тарзу тартиби истифодабарии худро дорад. Инчунин дар давлатдории муосири Тоҷикистон дирафши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дошта, дар он тасвири «Дирафши ковиён» инъикос ёфтааст, ки он ифодагари рамзи пойдорӣ ва бардавомии давлатдории миллӣ мебошад.

Мафҳумҳои «парчам» ва «дирафш» аз забонҳои бостонии ориёӣ ба вуҷуд омадаанд. Аз ҷумла, истилоҳи «парчам» аз вожаи забони суғдии «*parčam» сарчашма гирифта, ба маъноҳои овеза ё алам омадааст.

Мафҳуми дирафш бошад, аз забони авастоии «drafšā-», форсии бостонии «*drafša-», паҳлавӣ «drafš», суғдӣ «’rδ’šp» [arδašf] ва бохтарии «λraφo» гирифта шудааст.

Тибқи таҳқиқотҳои бостоншиносон аз рӯи миниатюра ва устураҳое, ки мавриди омӯзиш қарор доранд, таърихи парчамдориву парчамбардории халқи мо аз аҳди бостон оғоз гардида, то имрӯз ин анъана идома дорад. Аз ҷумла дар мақолаҳои илмӣ ва татқиқотҳои олимони ҷумҳурӣ доир ба парчамдории халқи мо маълумотҳои зиёде ҷамъ оварда шудаанд, ки далели таърихи кӯҳан доштани парчамдории тоҷикон мебошанд. Дар мақолаи таҳқиқотии олими Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳриддин Ализода оварда шудааст:[1] «Таърих гувоҳ аст, ки аҷдодони мо аз ибтидои тамаддуни инсонӣ соҳиби рамз ва нишони миллӣ буданд. Аз ҷумла, дар фаргарди якуми Видевдат, ки қисме аз китоби муқаддаси Авасто ба ҳисоб меравад, Бохтар ҳамчун кишвари зебо бо дирафшҳои барафрохта зикр гардидааст, ки ин далели соҳибпарчаму дирафшбардор будани мардуми сарзамини мо дар замонҳои хеле бостон мебошад.

Вобаста ба парчамбардории давлатҳои абарқудрати ниёгони мо Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд «Ҳанӯз дар ливои Куруши Кабир тасвири уқоб, ки нишонаи қудрату тавоноист, нақш гардида буд, ки он парчам рамзи як давлати нирӯманди замона ба ҳисоб мерафт. Ҳамчунин метавон аз ливои Коваи Бузург ёдовар шуд, ки нишонаи равшани меросияти муборизаву ҷоннисориҳои ниёгони мо мебошад»[2]:.

Чун сухан аз таърихи парчамдории халқи тоҷик оғоз гардад, дар хотираи мардуми тоҷик Коваи оҳангари афсонавӣ пеши назар меояд. Зеро

---

[1] Китоби Авасто, фаргарди якуми Видевдат [4, с.227] , [12, с.56].
[2] Эмомалӣ Раҳмон [1, №144 (21 805]

тибқи омӯзиши фанни адабиёти тоҷик ва таърихи қадимаи халқи тоҷик бо ин қаҳрамони афсонавӣ рӯ ба рӯ мешавем ва аз ғаюрию мутаҳидсозии халқи худ барои бартараф намудани зулму истибдод ва таъмини ҳаёти осишта маълумоти зарурӣ мегирем.

Шоҳномаи безаволи Фирдавсӣ, ки намунаи осори барҷастаи ватандӯстию тарғибгари некию мардонагист, аз мубориза ин қаҳрамони милии халқи тоҷик ёдовар мегардад. Коваи оҳангар ки дар қатори мардуми осоишта ба меҳнати ҳалолу покиза сару кор дошт, ба зулми тоқатнофарсои замона тоб наоварда, пешдомани чармии худро дирафш кард ва халқи ситамдидаро ба мубориза даъват намуд. Маҳз ҷолибият ва бузургии парчами халқи тоҷик аз ин давра намудор мегардад. Боло бардоштани парчами Кова на ба хотири тасарруфи мансаб ва боигарию давлат буд, балки танҳо барои баҳамомадани мардум дар зери як матои муқаддасе, ки дар пешдомони марди ҳунар, заҳматкаш ва бо меҳнати ҳалол зиндагии худро пеш мебурда канда шуда, манфиати мардуми заҳматкашро ифодакунанда буд, то имрӯз ҷалолу ҳашамати таърихии худро гум накарда, сол то сол қадру қиммати он зиёда мегардад. Замоне, ки парчами Кова боло шуд, онро ҳамагон «Дирафши Ковиён» номиданд ва мубориза онҳо танҳо мубориза озодихоҳӣ буд. Аз он айём сар карда, парчам чун рамзи озодӣ, давлатдорӣ миёни аҷдодони мо қабул ва шоистаи парастиш қарор дорад.

Ҳамон тавре, ки гуфта шуд, бори аввал пиромуни дирафш ё парчам дар достони асотири «Кова ва Заҳок»-и Шоҳнома ёд карда мешавад. Ҳакими Тӯсӣ, Абулқосим Фирдавсӣ ин ҳолатро чунин ба қалам додааст:

Аз он чарм к-оҳангарон пушти пой,
Бипӯшанд ҳангоми захми дарой.
Ҳамон Кова он бар сари найза кард,
Ҳамон гаҳ зи бозор бархост гард.
Хурӯшон ҳамерафт найза ба даст,
Ки: «Эй номдорони яздонпараст».
Фурӯхишт з-ӯ сурху зарду бунафш,
Ҳамехондаш «Ковиёни дирафшт».



Дирафши Ковиён

Чи хеле, ки мебинем дирафши Кова аз чарм буда, се ранг дорад, сурху, зарду, бунафш.

Дар илми муосир таърихнигорон ва бостоншиносон доир ба пайдоиши мафҳуми Ковиёнӣ ақидаҳои мухталиф доранд. Аз ҷумла Баҳриддин Ализода дар таҳқиқоти худ овардааст[3]: «Баъзе муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки вожаи Ковиён ба маънои дирафши Кова (Коваи оҳангар) ва дигарон ба маънои Каёнӣ (сулолаи Ковиён – Каёниён) маънидод кардаанд, ки маънои Кай, Каён-Ковиён баҳодур, қаҳрамон ва дар забони суғдӣ вожаи кави ба маноҳои ҳоким, роҳбар ва шоҳ (дар тангаҳои Бухоро) омадааст. Дирафши Ковиёнӣ ба гуфтаи Фирдавсӣ, ки дар Шоҳнома қайд гардидааст, ҳангоми шӯриши мардум бо сардории оҳангар Кова бар зидди Заҳҳок ба вуҷуд омадааст. Кова шӯришчиёнро ба назди Фаридун, ки вориси қонунии сулолаи шоҳони Пешдодиён буд, овард ва ӯ ин дирафшро бо 4 ситораи тиллоӣ, сангҳои қиматбаҳо, матои ранги сурх, зард ва бунафшадор зебу ороиш дод ва «Дирафши Ковиёнӣ» ном гузошт. Дар адабиёти динӣ истилоҳи Кавӣ, Ковиён ба маънои баҳодур, каҳрамон, таҳамтан омадааст.



Парчами Рустами Достон

## Деворнигора.Панҷакенти қадим, асрҳои V-VI

Аз адабиёти таърихии пурғановати халқи тоҷик маълум мегардад, ки парчам ҳамчун рамзи давлатдорӣ на танҳо барои барафрохтан балки ҳамчун муқаддастарин сармояи давлат арзиш доштааст. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ мақому манзалати парчам зиёд гардида, он ҳамчун нишонаи нангу номус, ифодагари ҳастию пояндагии давлат ва арзишмандтарин боигарии давлатдорӣ будааст. Парчам дар ҳама давру замонҳо ҷояш дар сафи пеш, дар боло ва аз матои зебою нафис сохта шуда, тартиби истифода, нигоҳдорӣ ва супоридан будааст. Парчамбардор мансаб будааст ва шахсе интихоб мешудааст, ки дорои ҷуссаи тавоно ва ғайрату матонати мардонагӣ дошта бошад. Ҳангоми набардҳо парчамбардор аз ҳарду тараф дорои статуси махсус будааст ва натиҷаи набардҳо, аз ҷумла пурра ғолиб ё мағлуб шудан аз

---

**3 Ализода Б. Парчами давлатии Тоҷикистон: Таърихи ташаккул ва ва аҳамияти таърихии он [4, с.223].**

ишораи онҳо тавассути боло ва поён намудани парчам муайян карда мешудааст.

Аз оғози таърихи давлатдорӣ доир ба мавҷудияти парчамҳо маълумотҳои гуногун шаҳодат медиҳанд, ки аҳди бостон лашкаркашон ҳангоми набард бо душман зери парчам гирд меомаданд ва ҷилвагарии парчам нишони зафар буд[4]. «Аввалин тасвири парчами сипоҳи Ориён-порсҳо, суғдиён, бохтариён дар деворнигораҳои шаҳри Помпеи Рум, асрҳои 2-1 то мелод кашида шудааст. Дар он саҳнаи муҳорибаи сипоҳи давлати Ҳахоманишиён, зери сарварии Дорои охирин бо лашкари Искандар дар соли 333 то мелод акс ёфтааст».



Дирафши Ҳахоманишиён

Парчам дар таъриху тамаддуни миллати куҳанбунёди тоҷик мақоми арзандаро доро буда, як ҷузъи муҳими таъриху фарҳанги миллати тамаддунсози тоҷик ба шумор рафта, ҳамчун ливои озодӣ ҳанӯз то ҳуҷуми арабҳо ва густариши ислом дар байни аҷдодони тоҷикон маълуму машҳур буд. Ҳанӯз дар асрҳои 3-2 пеш аз мелод қабилаҳои ориёнажод соҳиби рамзи худ буданд, ки онро «Меҳроб» ё «Фарри ориёӣ» меномиданд. Ин рамзи хуршед, офтоб, покизагӣ ва нишонаи абадият буда, ишораест ба чаҳор унсур, хок, об, оташ, ҳаво, ки мавҷудияти оламро ташкил медиҳанд.

Муқаддас будани Парчам дар он зоҳир мегардад, ки инсоният онро ҳамчун ливои озодӣ барои амалӣ намудани мақсаду ормонҳои худ дар ҳар давру замон барои мубориза баҳри ҳаёти осоишта, баробарию баробарҳуқуқӣ ва таъмини адолат баланд мебардошт.

Дар зери Парчам мардуми ориёитабор натанҳо империяҳои абарқудратро ба монанди Ҳахоманишиёну Ашкониён ва Сосониёну Сомониён ба вуҷуд оварда, низоми тавонманди идоракунии давлатиро созмон доданд, ҳамчунин аввалин ҳуҷҷати ҳуқуқии аҳли башар, ки дар таърих бо номи «Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир» маълум аст, ба оламиён муаррифӣ намуданд.

---

4 [10, №142-143 (21 803-804].



Дирафши Ҳахоманишиён



Муборизаи Искандар бо Дорои III (деворнигора аз шаҳри Помпеи Рум)



Парчами Дорои III





**Парчами Ҳахоманишиён**



Парчами Империяи Сосониён Дирафши Ковиён. Дар Осорхонаи миллии Эрон



Деворнигора.
Панҷекати Қадим
асрҳои V-VIII





**Парчами Бохтариён.**
**Деворнигора. Қумтеппа**

Деворнигора. Бунҷекат (Шаҳристон).
асрҳои IX - XII




Деворнигора.Панҷакенти қадим, асрҳои V-VI



Парчами Аморати Бухоро




Парчами Республикаи Халкии Шӯравии Бухоро, 1921-1923




Парчами Республикаи Халқии Шӯравии Бухоро, солҳои 1923-1924




Парчами Республикаи Советии Сотсиалистии Бухоро,
соли 1924



Парчами РАСС Тоҷикистон,
солҳои 1924 - 1929



Парчами РСС Тоҷикистон, 1929 -1953



Парчами РСС Тоҷикистон,
солҳои 1953 - 1991



Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон